**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

**Дар бораи тасдиқи Нақшаи генералии татбиқи Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015**

Мутобиқи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва бо мақсади татбиқи Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Нақшаи генералии татбиқи Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати амалӣ намудани Нақшаи генералии татбиқи Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2015 тадбирҳои амалӣ андешида, аз ҷараёни он ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**аз 31 декабри соли 2008 № 660**
**ш. Душанбе**